«Тасдиқ мекунам»:
Директори Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ
н.и.ф. Шарифзода Б.Б.
_____
"05" апрели 2022

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Баротзода Ҳасани Султон - доктори илми филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 02.10.2021, қарори №8 (21) ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони Институт диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бо ширкати муқарризон – доктори илми филология, Ҳомидов Д. – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва номзади илми филология Исмонов К. Б. баррасӣ ва муҳокима намуд. Сараввал Ҳомидов Д. суханронӣ намуда, таъкид кард, ки «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз зумраи сарчашмаҳое мебошад, ки дар давраи Сомониён аз забони арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шуда, яке аз муҳимтарин тафсирҳои мустақили Қуръони карим ба забони форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷиҳат, баррасии вижагиҳои забонии ин асари таърихӣ дар забоншиносӣ ҷойгоҳи муайянро касб кардааст.

Рисолаи Халиков М.Ғ. «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мавзуест, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан фарҳангу тамаддун, ганигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Навгониҳои таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик бевосита муродифҳои луғавӣ ва ҷуфту пайиҳам, инчунин, сохтори таркибии вожаҳои муродифию муродифоти ҷуфту пайиҳам ва ҷойгоҳу мавқеи истифодаашон дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтааст.

Дар рисолаи тақризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои фаровони илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва мавридҳои номафҳум ба назар

мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо зарур буда, ба пиндори инҷониб, боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳанд гардид:

1. Гоҳо такрори фикру андеша ва мисолҳои зикршуда ба чашм мехӯранд, ки таҷдиди назари онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд;

2. Дар рисола ҷо-ҷо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломати китобати он риоя нагардидааст, ки ба талаботи муқаррароти он қоида мутобиқ кардани маводи диссертатсия ҳатмист;

3. Дар фишурда ва муқаддимаи диссертатсия ҳамон муқаррароти Низомномаи КОА-и Тоҷикистон барои таҳия пешниҳод кардааст, ба таври зарурӣ риоя нагардидааст. Бинобар он, як маротиба таҷдиди назар карда шаванд;

4. Дар фишурда бобҳои рисола камтар таҳлил гардидаанд ва бештар сухан дар бораи таърихи тарҷумаву роҳҳои он меравад, ки ба назари мо, овардани онҳо на он қадар муҳим буд;

5. Фишурдаи диссертатсия, ки рӯнамову дастраси ҳамагон мегардад, хуб мешуд дар он мисолҳо аз асар чун намуна оварда мешуд ва мисли маводи диссертатсия таҳлил мегардид;

6. Дар овардани номгӯйи адабиёти илмӣ якрангӣ нест. Тавсия дода мешавад, ки онро мутобиқи муқаррарот истифода кард;

Сипас номзади илмҳои филологӣ, Исмонов К.Б. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки диссертант Халиков М.Ғ. дар таҳияи диссертатсия аз усулҳои таҷзияву таҳлил ва муқоиса истифода карда, барои равшан шудани масоили мавриди таҳқиқ аз методҳои шарҳу тафсир, таҳлили лексикӣ-семантикию сохторӣ, баррасии оморӣ истифода намудааст. Хусусан, пешниҳоди маълумоти оморӣ дар мавриди корбурди муродифот дар асар арзиши илмии асарро бисёр баланд намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияи Халиков М.Ғ. мавриди эътимод мебошад, зеро муаллиф барои асоснокии фикри худ назари муаллифони зиёди гузаштаву имрӯз ва ватанию хориҷиро овардааст. Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати сохторӣ ва таркиби ҷузъҳо ба талаботи навиштани диссертатсия мувофиқ мебошад. Дар баробари дастовардҳои назаррас рисола аз нуқсону камбудиҳо низ орӣ нест ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Овардани ихтисораҳо бо тартиби алифбоӣ (с.4);
2. Дар фасли якуми боби дувум (саҳ.50) дар ҳаҷми ним саҳифа ба муродифоти фразеологии асар ишора шудааст, ки агар аз диссертатсия бардошта шавад, беҳтар мебошад. Зеро муродифоти фразеологӣ, чи аз нигоҳи таркиб ва чи аз нигоҳи мазмун, хусусиёт ва мушкилоти худро дорад, ки танҳо ишора кардан ба он кофӣ нест;
3. Диссертант дар бештари маврид рақами ҳар саҳифаеро, ки ин ё он калима истифода шудааст, овардааст, дар ҳоле ки ба ин ниёз нест;

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, Ҳомидов Д. – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва номзади илми филология Исмонов К. Б. шурои олимони Институт нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи Халиков М.Ғ. ба чунин **хулоса** омад:

Диссертатсия ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Воқеан, кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи муродифҳои яке аз куҳантарин ва муҳимтарин тафсирҳои Қуръони карим ба забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) – «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ва заминаҳои ташаккулу такомули муродифҳои луғавию ҷуфт ва пайиҳам, сохти таркибии вожаҳои муродифӣ ва сохтори муродифҳои ҷуфту пайиҳам дар ин асар бахшида шудааст. Барои расидан ба мақсадҳои мазкур **вазифаҳои зерин** ба анҷом расонида мешаванд:

- муаррифии илмии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»;
- баррасии мафҳуми муродиф ва мутародиф;
- муродиф ва анвои он дар забони тоҷикӣ;
- муродифҳои луғавӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»;
- муродифҳои ҷуфт ва воситаи алоқаи онҳо дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»;
- таъини оҳангнокӣ ва ҳамвазнии муродифҳои ҷуфт дар ин асар;
- муродифҳои пайиҳам ва воситаи алоқаи онҳо дар «Тарҷумаи Тафсири *Табарӣ»*;
- сохти таркибии муродифҳои пайиҳам дар ин китоб.

Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:

– таъкид мегардад, ки таҳқиқу баррасии таърихии истилоҳоти синоним, муродиф ва мутародиф дар забоншиносии тоҷик ва ҷаҳон масъалаи муҳим буда, дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик ба хотири ҳамгун кардани истилоҳоти забоншиносӣ зарурати бо як истилоҳ ифода кардани он ба миён омадааст;

– баррасӣ ва шарҳи вожаҳои муродифии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз лиҳози решашиносӣ ва таҳқиқи муносибати маъноию ҳамнишинии онҳо барои таъини вежагиҳои забони тоҷикӣ дар давраи нави ташаккули он муҳим арзёбӣ мешавад;

– таҳқиқ дар заминаи муродифҳои луғавӣ ва ҷуфт дар забоншиносии тоҷик аз ҳамдигар тафовут доштани онҳоро нишон медиҳад;

– муайян кардани ҷойгоҳи муродифҳои луғавӣ ва ҷуфту пайиҳам дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» доираи корбурди онҳоро дар забони тоҷикии давраи Сомониён нишон медиҳад;

– устуворию ноустуворӣ ва баромади забонии муродифҳои ҷуфт дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», инчунин, таҳқиқи воситаи алоқа, оҳангнокию ҳамвазнии муродифҳо дар ин асар нисбатан устувор будани таркиби луғавии забони тоҷикиро дар даврҳои рушди таърихии он ба исбот мерасонад.

Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:

[1-Ҳ.М]. Баротзода, С.Ҳ. Ҷойгоҳи муродифҳои ҷуфти устувор ва ноустувор дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” / С.Ҳ.Баротзода, М.Халиков [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2021. – №2. – С. 11-17.

[2-М]. Халиков, М. Муродифҳои пайиҳам ва воситаи алоқаи онҳо (дар заминаи китоби “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” / М.Халиков [Матн] // Суханшиносӣ. – 2021. – №2. – С. 61-71.

[3-М]. Холиқов, М. Корбурди муродифоти ҷуфтистеъмоли арабӣ-тоҷикӣ дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” / М.Холиқов [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/3. – С. 140-144.

[4-М]. Халиков, М. Калимасозии вандҳо дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” / М.Халиков [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. – №3(92). – С. 133-137.

[5-М]. Холиқов, М. Истеъмоли вожаи худованд дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” / М.Холиқов [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/1. – С. 103-108.

[6-М]. Холиқов, М. Шакли ҷамъбандии иқтибосоти арабӣ дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” / М.Холиқов [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №4/3(203). – С. 69-73.

Қисматҳое аз кор аз ҷониби муаллиф дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо” ва Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи милии Тоҷикистон бахшида ба ҷашнҳои “30-сологии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ” (Душанбе, 2020-2021) ироа шудааст.

Паҳлуҳои гуногуни адабию забонии асари мазкур аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, монанди Э.Браун, Ж.Лазар, И.Рачабифар, М.Ҳайдарӣ, Ф. Тақизода, А.Хазарӣ, М.Начориён, С.Муфидӣ, А. Сайидоқоӣ, М.А. Ҳоирӣ, Ҳ.Яғмоӣ, М.Ғуломризоӣ, К.Дизфулиён, Ф.Насриддинов, У.Ғаффорова, Ф. Бобоев, А.Ҳасанов, М.Ҷабборова, А.Қобилов ва дигарон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, ки муҳаққиқ аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Навгонии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки он бори нахуст дар забоншиносии тоҷик бевосита муродифҳои луғавӣ ва ҷуфту пайиҳам, инчунин, сохтори таркибии вожаҳои муродифию муродифоти ҷуфту пайиҳам ва ҷойгоҳу мавқеи истифодаашон дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки мавод ва натиҷаи таҳқиқоти мазкур метавонад дар таъини қонунмандиҳои муродифҳои забони тоҷикӣ, ташаккул ва такомули таърихии онҳо, инчунин, омӯзиши марҳилаҳои таърихии рушди забони тоҷикӣ муҳим арзёбӣ гардад. Хулосаҳои назарии таҳқиқ, ҳамчунин, имкон дорад, дар баррасии муродифҳои давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, Шурои олимони Институт бо қарори №3, аз таърихи 01.04.2022 рисолаи номзадии Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад.

Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия намуд.

Иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» –нест, «бетараф» – нест. Суратҷалосаи № 3, аз 1-уми апрели соли 2022.

Раиси Шурои олимон
номзади илми филология
тел: (+922) 93-797-10-22
почтаи эл: boymurod@inbox.ru Шарифзода Б.Б.

Муқарризон:
доктори илми филология, профессори
кафедраи таърихи забон ва типологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
тел: (+922) 98-851-80-79
почтаи эл: homidov65@mail.ru Ҳомидов Д.

номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи
араби Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
тел: (+922) 98-717-84-00
почтаи эл: usmon1982.82@mail.ru Исмонов К. Б.

Котиби Шуро
тел: (+922) 98-521-00-06
почтаи эл: sun_1989@list.ru Муҳаммахоҷаева Р.А.

Имзои Шарифзода Б.Б., Муҳаммахоҷаева Р.А.,-ро
тасдиқ менамоям:
нозири кадрҳои Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТТ Нарзиқулова Ҳ.

Имзои Ҳомидов Д. ва Исмонов К.- ро
тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

5 апрели соли 2022

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221-70-30, E-mail: iza_rudaki17@mail.ru, http://www.iza.tj